**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кучаи академик А. Адхамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 40/2с

аз «22» 04 соли 2020

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса дар бораи гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ оид ба лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 «Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ огоҳиномаи машварати оммавӣ оид ба лоиҳаи зикргардида ва тахлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 марти соли 2020 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи мазкур бори аввал аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад.

Машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи мазкур аз 6 март то 16 апрели соли 2020 гузаронида шуда, аз тарафи шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст.

Омӯзиш ва таҳлили ҳуқуқии маводи пешниҳодгардида собит сохт, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири

танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст, лоиҳаи қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №211 «Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷӣ» фарогири таҳлили таъсири танзимкунӣ намебошад.

Директор Саидзода И.Ҳ.